**ТАҚРИЗИ**

**роҳбари илмӣ ба диссертатсияи Алимардонов Бобохон Маҳмадиевич дар мавзуи «Таърихи электрикунонии ноҳияҳои ҷанубу шарқии Тоҷикистон (солҳои 20-уми асри XX – ибтидои асри XXI)», барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯйи ихтисоси 07.00.00 - Илмҳои таърихӣ ва бостоншиносӣ (07.00.02 –Таърихи ватанӣ).**

Омӯзиши раванди асосии таърихи электрикунонии тараккиёти иҷтимоию иқтисодӣ ва мадании минтақаҳои алоҳидаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, дар мисоли вилояти Хатлон мубрам буда, далели асосӣ барои асоснок кардани мавзуи интихобшудаи муҳақиқ, ин мавҷуд будани ҳаҷми барқароршавандаи захираҳои энергетикиро дар ноҳияҳои Ҷанубу-Шаркӣ нишон медиҳад.

Ҳамчунин, имрӯзҳо мароми Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурӣ Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба ҳайси яке аз мақсадҳои стратегӣ муайян сохтани таъминсозии истиқлолияти энергетикии кишвар мубрамияти мавзуъро собит месозад.

Объекти таҳкикро таърихи электрикунонии минтақаҳои ҷанубу шарқии Тоҷикистон ва предмети онро бошад омӯхтани таърихи электрикунонии хоҷагии халқ ва фарҳанги ноҳияҳои ҷанубу шарқии Тоҷикистон дар асри XX – оғози асри XXI дар бар мегирад.

Мақсади асосии таҳқиқи мазкур – омӯхтан ва воқеъбинона таҳлил кардани маводи амалӣ доир ба масъалаҳои таърихи электрикунонии ноҳияҳои ҷанубу шарқии Тоҷикистон, муайян кардани дараҷаи таъсири он ба инкишофи қувваҳои истеҳсолкунанда, фарҳангу ҳаёти маишии аҳолии ноҳияҳои ҷанубу шарқии Ҷумҳурӣ Тоҷикистон мебошад.

Диссертант зимни навиштани кор аз методҳои илмии таърихият, воқеияти илмӣ, таҳлили таърихӣ-муқоисавӣ васеъ истифода бурдааст. Дар баробари ин асоси таҳқиқи мазкурро усули мушкилотӣ-хронологӣ ташкил медиҳад, ки барои муайян намудани таърихи электрикунонии ин минтақаи наздисарҳадӣ ва аҳаммияти он дар ҳаёти иқтисодӣ-иҷтимоӣ ва фарҳангию

маишии аҳолии минтақа имконияти хуб фароҳам меоранд.

Муқарраротҳои асосие, ки барои ҳимоя пешниҳод мегарданд, ин таҳлил ва инъикоси вокеии электрикунонидани минтакаҳои Ҷанубу Шаркӣ, накши электрикунонӣ дар баланд бардоштани ҳосилнокии меҳнат, тараққиёти саноат, хоҷагии қишлоқ, маданият ва маорифи вилоят мебошанд.

Навгонии диссертант дар он аст, ки он аввалин кори илмӣ оид ба таҳлил, инъикоси вокеаҳои ҳақиқӣ ва мисолҳои электрикунонӣ, дар мисоли ноҳияҳои Ҷанубу-Шаркии Тоҷикистон мебошад.

Аҳамияти амалии диссертатсия дар он аст, ки натиҷаҳои тадқиқоти мазкур метавонанд зимни тарҳрезии масъалаҳои гуногуни таърихи халқи тоҷик, фарҳанги он, энергетикаи вилояти Хатлон, дар таҳқиқоти иловагӣ доир ба таъриху фарҳанги минтакаҳои гуногун ва ноҳияҳои кишвар, зимни гузарондани курсҳои алоҳида доир ба таърихи энергетикаи кишвар ва ҳаёти фарҳангии халқи тоҷик, дар бозгашт ба равшансозии масъалаҳои фаромушшудаи сиёсати ҳукумати шуравӣ дар соҳаҳои иҷтимоию иктисодӣ ва рушди фарҳангии ноҳияҳои наздисарҳадии Тоҷикистон истифода бурда шавад. Ғайр аз ин, маводи таҳқиқи мазкур метавонад зимни навиштани асарҳои алоҳида, брошюра ва мақолаҳои илмӣ истифода шавад, ки онҳо ташаккулёбии маҷмааи обию энергетикии Тоҷикистонро, бо инобати дурнамои азхудкунии захираҳои сӯзишворию энергетикии кишвар, ки онҳо имкониятҳои иҷтимоию иктисодӣ ва равандҳои фарҳангии Тоҷикистонро равшантар месозанд, ба пуррагӣ нишон медиҳанд.

Сохтори диссертатсия ба мазмуни он комилан мувофиқ буда, он аз муқаддима, ду боб, хулоса ва рӯйхати адабиёт иборат аст.

Дар муқаддима мубрамӣ, дараҷаи омӯзиши мавзӯъ, мақсад ва вазифаҳои таҳқиқ, асосҳои назариявию методологӣ, методҳо ва маводи таҳқиқ, навоварии он, аҳамияти назариявӣ ва амалии таҳқиқ, нукоти барои дифоъ пешниҳод шаванда, коркард ва татбиқи натоиҷи таҳқиқ ва сохтори кор баён шудааст.

Дар қисмати асосии диссертатсия масъалаҳои захираҳои обӣ-энергетикии Тоҷикистон, таърихи аз худ кардани захираҳои энергетикӣ ва электрикунонии мамлакат дар давраи дигаргунсозиҳои сотсиалистӣ, аз таърихи электрикунонии ноҳияҳои ҷанубу-шарқии Тоҷикистон, тайёр кардани мутахассисони соҳаи энергетика, проблемаҳои сохтмони объектҳои энергетикӣ ва электрикунонии мамлакат дар давраи истиқлолият, истифодабарии қувваи барқ дар саноат ва хоҷагии қишлоқ, корҳои маданӣ, маишӣ, системаи маорифи ноҳияҳои ҷанубу-шарқии Тоҷикистон баррасӣ гардидаанд.

Дар хулоса, фикри ҷамъбастии диссертант ва тавсияву пешниҳодот оид ба дар оянда таҳқиқ намудани мавзуъ оварда шудаанд.

Бо боварӣ изҳор менамоем, ки таҳқиқот ба талабот ҷавобгӯ буда, он дар асоси омӯзиши маводи бойгонӣ, санадҳои меъёрию ҳуқуқӣ, маълумоти оморӣ, маводҳои мақомоти ҳукуматӣ ва ташкилоте, ки фаъолияти онҳо бевосита бо электрикунонии корхонаҳои ватанӣ, иқтисодиёт ва ҳаёти фарҳангии ноҳияҳои ҷанубу шарқии Тоҷикистон алоқаманд аст, таҳия шудааст. Аксарияти ин маводҳо нахустин бор ба муомилаи илмӣ ворид карда шудаанд.

Унвонҷӯ доир ба натиҷаҳои таҳқиқот 10 мақолаи илмӣ, аз он ҷумла 4 мақолаи илмӣ дар нашрияҳои аз тарафи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тақризшаванда ва 6 мақоларо дар нашрияҳои дигар ба табъ расондааст.

Ҳамин тариқ, Алимардонов Бобохон Маҳмадиевич аз ӯҳдаи таълифи рисолаи илмӣ баромада, вазифаҳои дар назди худ гузошташударо пурра иҷро намудааст. Диссертатсияи мазкур ба ихтисоси 07.00.00 - Илмҳои таърихӣ ва бостоншиносӣ (07.00.02 –Таърихи ватанӣ) пурра мувофиқат менамояд. Диссертатсия аз рӯи натиҷаҳои назариявӣ ва хулосаҳои илмӣ, тавсияҳои амалӣ ва сатҳу сифати таҳияи худ ба талаботи Низомномаҳои Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки ба таҳияи диссертатсия барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои

таърих аз рӯйи ихтисоси 07.00.00 - Илмҳои таърихӣ ва бостоншиносӣ (07.00.02 –Таърихи ватанӣ) нисбат доранд, ҷавобгӯ мебошад.

Хулоса, диссертатсияи Алимардонов Бобохон Маҳмадиевич дар мавзуи «Таърихи электрикунонии ноҳияҳои ҷанубу шарқии Тоҷикистон (солҳои 20-уми асри XX – ибтидои асри XXI)», барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯйи ихтисоси 07.00.00 - Илмҳои таърихӣ ва бостоншиносӣ (07.00.02 –Таърихи ватанӣ) ба ҳимояи озод тавсия карда мешавад.

**Роҳбари илмӣ, д.и.т., профессори кафедраи таърихи умумӣ ва ватании Донишгоҳи славянии Россия ва Тоҷикистон** **Маликов Маҳмуд Ҳакимович**

*Имзоҳои Маликов Маҳмуд Ҳакимович -ро тасдиқ мекунам.*

**Сардори бахши кадрҳои Донишгоҳи славянии Россия ва Тоҷикистон** **Раҳимов А. А.**

**Нишонӣ**: 734025, ш. Душанбе, к. М. Турсунзода, 30. Донишгоҳи славянии Россия ва Тоҷикистон. Тел. 227-76-93; www.rtsu.tj.

«25» 08 2023 с